**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

**Тақриз**

**ба рисолаи номзадии Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид оид ба мавзӯи "Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кудак дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Рисолаи номзадии Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқии замони муосири бахшида шудааст. Дар замони муосир кӯдак яке аз табақаи осебпазир ва ба ҳимоя эҳтиёҷманди ҷомеа маҳсуб меёбад.

Масъалаи мазкурро давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дарк намуда, баҳри таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои кӯдак нақша-чорабиниҳои зиёди ташкилӣ-ҳуқуқиро пиёда намуда истодааст. Ислоҳоти ҳуқуқӣ-сиёсӣ дар самти ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ оғоз гардида, пайваста дар ҳолати рушд аст. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муҳофизати кӯдак дар сатҳи дахлдор таъмин аст. Зеро, қонунгузории граждании, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои кӯдакро ба таври намоён кафолат медиҳанд.

Муаллиф бо мақсади пиёда кардани ин вазифаҳо аз санадҳои меъёрии зикргардида ва санадҳои зиёди зерқонунӣ низ дар рисола истифода бурдааст. Таърих гувоҳ аст, ки то ба ин вазият омада расидани вазъи кунунии ҳуқуқи кӯдак давраи тӯлониро паси сар кардааст. Омӯзиши эътирофи ҳуқуқи кӯдак дар ҷараёни пайдоиш ва ташаккули таърихи қадимаи халқи тоҷик нишон медиҳад, ки ба кӯдак ҳамчун қишри

ба ҳимоя этиёҷманд муносибат намуда, дар асоси урфу одат ва анъанаҳои ташаккулёфтаи хеш манфиатҳои онҳоро ҳифз мекарданд.

Эътироф ва ҳимояи ҳуқуқу ва озодиҳои инсон дар тамаддуни мардуми тоҷик хеле ғанӣ ва ибратомӯз мебошад. Зеро дар ҷаҳон кам миллатҳое мавҷуд мебошанд, ки дорои таърихи бой ва тамаддуни куҳан ҳастанд. Аз ин рӯ, миллати тоҷик аз ҷумлаи миллатҳоест, ки дорои таъриху фарҳанг ва забони қадима буда, бо дастовардҳои нодираш дар арсаи ҷаҳонӣ ифтихор менамояд. Халқи тоҷик дар масири таърих ба падидаҳое чун адолат, озодӣ ва баробарӣ доимо арҷ гузоштааст.

**Дараҷаи навоварӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**

Муаллиф дар диссертатсия 9 навгонии илмӣ пешниҳод намудааст, ки аксарияти онҳо аввалин маротиба дар шакли навгонӣ ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, аз ин сабаб лоиқи дастгирӣ мебошанд.

1. Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак 5 давраи таърихиро паси сар намудааст: 1) Ташаккули ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ. Ин давра ҳазораи I пеш аз мелод то асри VII мелодиро фаро мегирад; 2) Ташаккули ҳуқуқи кӯдак дар замони амали ҳуқуқи исломӣ (аз асри VIII то нимаи дуюми асри XIX); 3) давраи амали ҳуқуқи шоҳаншоҳӣ (империявӣ) дар сарзамини таърихии тоҷикон (аз соли 1864 – замони ишғоли Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ то соли 1917 – Инқилоби Октябр); 4) давраи шӯравӣ (аз соли 1922 то соли 1991); 5) давраи истиқлолият (аз соли 1991 то имрӯз).

2. Масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак ва ҳимояи он дар динҳои ҷаҳонӣ низ баррасӣ карда мешаванд, зеро кӯдак ба ғамхорӣ ва ҳимояи махсус ниёз дорад. Аз ин рӯ, сарчашмаи қадимаи таърихию ҳуқуқии зардуштӣ (Авасто)-ро, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон дар маҷмӯъ ва ҳуқуқу озодиҳои кӯдак қисман эътироф гардидааст, метавон сарчашмаи нахустини ташаккули андешаҳо оид ба ҳуқуқ ва озодҳои кӯдак эътироф намуд. Дар тамаддуни зардуштӣ ба кӯдакон ҳамчун дарёбанда (субъект)-и муносибатҳои ҳуқуқӣ рафтор мекарданд. Эҳтироми кӯдакон, таълиму тарбияи онҳо дар маркази таваҷҷуҳи зардуштия қарор дошт. Миёни ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон масъалаи таълиму тарбия аввалиндараҷа маҳсуб меёфт, ки ин асоси воқеӣ дошт. Ин аст, ки рӯзи махсус бо номи

Хвар мавҷуд буд, ки дар ин рӯз падару модар кӯдакони худро ба дабиристон медоданд, то онҳо дабиру фарзона шаванд. Ин гувоҳ аз он аст, ки рӯзи оғози таълими имрӯза, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ этироф кадааст. Сарчашмашро аз тамадуни халқи тоҷик гирифтааст.

3. Барои муҳофизат, нигоҳубин, тарбия ва тансиҳатии кӯдакон дар тамаддуни зардуштӣ фариштае бо номи Дрвасп (бо номҳои Геуш, Геушташан ё Гаушурван низ вомехӯрад) вуҷуд доштааст, ки ӯ онҳоро аз ҳар гуна хатарҳо эмин ва ҳангоми зарурат ба табобаташон машғул мешудааст.

4. Тифлон мавҷудоти ба ҳимоя эҳтиёҷдошта буда, қодир нестанд худро аз ҳар гуна таҷовузи муқобили ҳаёт ва саломатии онҳо муҳофизат намоянд. Аз ин рӯ, Ислом аз ибтидо ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатиро нисбат ба тамоми кӯдакон, новобаста аз ҷинс, нажод ва ё баромади онҳо мансуб медонад. Қуръон қатли кӯдакон (зиндабагӯр кардани тифли ҷинси духтар) - ро , ки дар Арабистони давраи ҷоҳилият маъмул буд, қатъиян маҳкум ва манъ намуд: «Фарзандони худро аз бими дарвешӣ макушед. Мо ҳам шуморо рӯзӣ медиҳем ва ҳам онҳоро. Куштанатон хатои бузургест».

5. Кӯдаки навтаваллудшуда дар Ислом ҳуқуқ ба баромади қонунӣ дошт. Бояд қайд намуд, ки дар Ислом муносибатҳои ғайриникоҳӣ қатъиян манъ карда шудаанд, бинобар ин, беосебии насаб таъмин карда мешавад. Мутобиқи Шариат, баромади қонунӣ (дар асоси никоҳ) на аз рӯи таваллуд, балки тибқи обистан (ҳомиладорӣ) дар давоми хонадорӣ муайян карда мешавад. Кӯдаки қонунӣ бояд на камтар аз шаш моҳ баъди никоҳ ва на дертар аз як соли қамарӣ баъди қатъшавии никоҳ таваллуд шуда бошад.

6. Санади ҳуқуқие, ки бевосита манфиатҳои кӯдаконро этироф ва ҳифз мекард, ин Қарори I Анҷумани Умумитоҷикистонии Шӯроҳо «Дар бораи ҳуқуқҳои занони коргари ҶМШС Тоҷикистон ва мубориза ба ғуломсозии онҳо» аз 12-уми декабри соли 1926 мебошад. Дар қарори мазкур синни никоҳии занон аз 16-солагӣ, яъне аз айёми кӯдакӣ муайян шуда буд. Ҳамаи шахсон, аз он ҷумла хешовандони наздике, ки занро барои ба шавҳар баромадан маҷбур мекарданд, барои онҳо ҷазо пешбинӣ шуда буд.

7. Қонуни ИҶШС аз 22 майи соли 1990 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории ИҶШС оид ба масъалаҳое, ки ба занон, оила ва кӯдакон дахл доштанд» ба Асосҳои қонунгузорӣ дар бораи никоҳ ва оила тағйирот ворид карда, ҳуқуқҳои ноболиғонро васеъ намуд. Чунончи, ба онҳо имконият дода шуд, ки дар мавриди суиистифодаи ҳуқуқҳои падариву модарӣ қарор гирифтан,

барои ҳимоя ба мақомоти васоят ва парасторӣ мурочиат намоянд. Аз ин рӯ, қонунгузории оилавӣ дар охири асри XX ба такмилдиҳӣ ниёз дошт.

8. Бинобар сабаби оне, ки дар қонунгузории давлатҳои алоҳида зери мафҳуми кӯдак синну соли гуногун фаҳмида мешавад, мо ба хулосае омадем, ки мафҳуми муаллифии кӯдакро пешниҳод намоем: кӯдак гуфта шахсе эътироф мешавад, ки ба синни муқараркардаи қонунгузории миллӣ нарасидааст.

9. То имрӯз, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми «ҳуқуқи кӯдак» фикри ягона мавҷуд нест. Аз ин рӯ, муайян намудани мафҳум, моҳият ва мазмуни «ҳуқуқи кӯдак» масъалаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Баъди таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳумҳои гуногунмазмуни ин падида, чунин мафҳуми ҳуқуқи кӯдакро пешниҳод менамоям: ҳуқуқи кӯдак гуфта, маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои ҷудонашаванда ва бегонанашавандаи асосии кӯдак фаҳмида мешавад, ки ба кӯдак аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, тибқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналхалқӣ эътироф, кафолат ва ҳифз карда шудааст.

**Асоснок ва ҳақиқӣ будани хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, дар заминаи сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ (зиёда аз 171 асари илмӣ, 23 таҳқиқоти диссертатсионӣ, 5 манбаи интернетӣ асарҳои ба забонҳои хориҷӣ нашршудаю сарчашмаи меъёрию ҳуқуқии амалкунанда) ба даст омадаанд. Инчунин, муаллиф хулосаю пешниҳодҳои худро дар 14 номгуи мақолаҳои илмӣ аз соли 2015 то имрӯз дар маҷаллаҳои бонуфузи Тоҷикистон, ки дар феҳристи Комиссияи аттестатсонии давлатҳои гуногун ҷойгир шудаанд, нашр намуда, мавриди баррасии муҳаққиқону мутахассисон қарор додааст.

Истифодаи васеи методологияи муосири илмӣ дар таҳияи рисолаи илмии Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид эҳсос мегардад. Дар диссертатсия ба таври зарурӣ аз усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси тадқиқотӣ истифода гардидааст, ки корбасти онҳо барои таҳияи хулосаю навгониҳои илмии объективона имконият фароҳам оварданд. Махсусан, истифодаи усулҳои диалектика, таърихӣ – ҳуқуқӣ, таҳлил ва муқоисаи ҳуқуқӣ ба муаллиф шароит фароҳам овардааст, ки як қатор хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод намояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, ҳуқуқии натоиҷи диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои илмии бадастовардаи рисолаи мазкур ифодаи худро қисман дар таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи кудак ифодаи худро ёфтаанд.

Ҳамзамон оид ба мавзӯи таҳқиқот муаллиф дар чандин семинар,

конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Чунончи: Механизимҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак // Маводи конференсияи илмӣ - назариявии «Мавқеи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар густариши ҳуқуқу озодиҳои инсон» (ДМТ, 10 декабри соли 2016); Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни Зардуштӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши санадҳои байналмилалӣ дар инкишофи ҳуқуқи инсон» (ДМТ, 8 декабри соли 2017); Ҳуқуқи кӯдакони гуреза, бешаҳрвандӣ ва хориҷӣ «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ДМТ, 18 майи соли 2018); Ҳуқуқи кӯдак дар Ислом // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ДМТ, 8 декабри соли 2018); Принсипҳои таъмини ҳуқуқи кӯдак мутобиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқ кӯдак // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019). Муҳтавои асосии диссертатсия дар зиёда аз 14 мақолаҳои илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

**Бояд қайд намуд, ки с**аҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Маводи рисолаи мазкурро дар раванди таълим, яъне ҳангоми омӯзиши фанни ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таърихи ҳуқуқи инсон, механизми судии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

**Сохтори диссертатсия** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар назди муҳаққиқ

ва таҳқиқот гузошташуда мантиқан дуруст ҷобаҷо карда шуда, ба фасл ва бобу хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодагардида тақсим карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 248 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Феҳристи маводи чопии муаллиф баёнгари он аст, ки муаллиф дастовардҳои илмии худро ба таври комил ва ба таври зарурӣ таҳия ва нашр намуда, мавриди омӯзиши муҳаққиқу мутахассисони соҳа гардонидааст. Натоиҷи таҳқиқоти илмии муаллиф дар 14 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда нашр шудаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти заруриро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимотҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия шуда, доираи фарохи масъалаҳои фалсафию ҳуқуқӣ, геополитикӣ ва таърихиро дар бар гирифта, метавонад бомуваффақият дар самти интихобнамудаи муаллиф ҳимоя гардад.

Дар қатори дастовардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад. Пеш аз ҳама, ҳангоми шиносоӣ бо матни рисола, инчунин бо забони соддаи тоҷикӣ навишта шудани он ба назар мерасад. Тарзи таҳия ва навишти диссертатсия барои шинос шудан бо он хеле мувофиқ аст, вале муаллиф ҳангоми таҳияи матн ба таври кофӣ ба истифодаи истилоҳоти забони ҳуқуқӣ аҳамият надода, аз калимаю ибороти истифодаи умум бештар истифода мебарад.

1. Баҳри боз ҳам мукаммал гардонидани тадқиқоти илмӣ ба андешаи мо хуб мешуд таҳқиқоти диссертатсионӣ давраи Тоҷикистони таърихӣ ё ба

давраи соҳибихтиёриро дар бар мегирифт. Интихоби ин давраҳо дар он муҳим арзёбӣ мегардад, чунки дар давоми ин марҳилаи таърихӣислоҳоти кудак хеле гуногун маънидод карда шудааст.

2. Нуқтаи назари муаллиф, ки мутобиқи пешниҳод оид ба таҳияи мафҳкми кудак "кӯдак гуфта шахсе эътироф мешавад, ки ба синни муқараркардаи қонунгузории миллӣ нарасидааст" баҳсталаб буда такмилдиҳиро талаб мекунад.

Пешниҳодҳои баҳсталабе, ки баён гардид, қимати баланди илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд. Диссертатсияи пешниҳодгардида таҳқиқоти илмии тахассусӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Он кори мустақил, баохиррасида ва комплексӣ мебошад, ки ба масъалаи мубрами рӯз бахшида шуда, ба як қатор масъалаҳои баҳсталаби илмӣ равшанӣ андохта, роҳҳалҳои қисми дигари мушкилоти ҳуқуқиро пешниҳод кардааст.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии ҷавобгу мебошад.**

Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқии замони муосир бахшида шудааст.

Диссертатсияи **Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид оид ба мавзӯи "Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кудак дар Тоҷикистон"** аҳамияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ дошта, таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд.

Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, имконият барои ҳаллу баррасии як қатор масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқукро фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №5050 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи **Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид** оид ба мавзӯи **"Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кудак дар Тоҷикистон"** таҳқиқоти

илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин сабаб, муаллифи он – **Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррризи расмӣ н.и.х, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ** **Кенҷаев Ш.Ю.**

**92 7741515**
**shukhrat-1975 @ mail.ru**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДДҲБСТ
Имзои н.и.х, Кенҷаев Ш.Ю.
тасдиқ менамоям
сардори шӯъбаи кадрҳо
Хоҷаева Г.Х.